آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

**26 июли соли 2023 Чоршанбе**

**№ 59 (14966)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ҚАДАМҲОИ ҚАТЪӢ БАРОИ ДАРЁФТИ МАҚСАДҲО

***Сарфи назар аз вазъияти мураккаб дар ҷаҳон, ки бинобар пандемияи коронавирус ва буҳрони иқтисодӣ, рақобати сахт, муноқиша ва моҷароҳои мухталиф сар задаанд, мамлакатамон дар сохтмони ҷамъияти демократӣ ба натиҷаҳои эҳсосшаванда ноил мегардад.***

Ислоҳоти ҷорӣ ба Ӯзбекистон имкон дод, ки дар соҳаҳои мухталиф ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардад. Имрӯз мамлакат яке аз пешвоёни минтақа дар ҷиҳати рушди иқтисодӣ ва инкишофи иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Ҳоло ҳозир самти бартариноки сиёсати давлатӣ татбиқи Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026; таҳкими дастовардҳои ноилгардида; ба дараҷаи нав бардоштани ҷараёнҳои аслии ислоҳотӣ; таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон; ҳифзи сулҳ ва субот; кӯшиш ба мустаҳкам намудани якпорчагӣ ва тақсимнопазирӣ ва ҳамчунин мусолиҳаи байнимиллӣ, таҳаммули динӣ ва ҳамбастагӣ ба шумор мераванд. Қудрати тавоно ва ҳалкунандаи чунин ҷараёни созандагӣ, бешубҳа, халқи сермиллатамон мебошад. Ҳамапурсӣ мисоли равшани он мебошад, ки 30 апрели соли ҷорӣ баргузор гардида, дар он 90,2 фоизи шаҳрвандон ба ислоҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон овоз доданд.

Дар таҳрири нави Конститутсия чунин масъалаҳо мисли таъмини дахлнопазирии ҳуқуқ ва озодии баён, афзалияти қадри инсон, таҳкими таҳкурсии давлати иҷтимоӣ, ғамхорӣ барои инсон, фароҳам овардани шароити муносиб барои ҳаёт, дастгирии шахсони имконияташон маҳдуд, ҳифзи саломатии инсон ва муҳити зист, боло бурдани мақоми маҳалла, такомули идораи давлатӣ, таҳкими ҳокимияти халқӣ нуктаҳои муҳим ҳисобида шудаанд.

Яке аз самтҳои асосии рушди давлат истифодаи технологияи рақамӣ барои такомули кори мақомоти давлатӣ ва идораи хоҷагӣ, ташаккули механизми босамари ҳамкории байни ҳокимият ва аҳолӣ ба шумор меравад. Вазифаҳои мазкур аз тариқи рушди низоми ҳокимияти электронӣ иҷро мегарданд. Ислоҳоти доманфарох дар бахши давлатӣ бидуни истисно соҳаҳои фаъолиятро бо васеъ ҷалб намудани вазорат ва идораҳо фаро мегирад.

Бозсозиҳои ҷорӣ дар ҷанбаи такомули низоми идораи давлатӣ барои мустаҳкам намудани механизмҳои ҳокимияти халқӣ, таъмини новобастагии шохаҳои ҳокимият, минбаъд пурзӯр намудани мақоми парлумон хидмат менамояд. Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 инчунин рушди иқтисодиёти рақамиро ба сифати таҳрикдиҳандаи асосӣ бо таъмини афзоиши ҳаҷми он ҳаддиақалл ба 2,5 маротиба пешбинӣ менамояд. Дар ҳуҷҷат омадааст, ки то охири соли 2026 афзудани дараҷаи рақамисозии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ва амалиётӣ дар сектори воқеии иқтисодиёт, соҳаҳои молия ва бонк то 70 фоиз дар назар дошта шудааст. Ба рақамисозӣ гузарондани мақомоти давлатиро чун дастгоҳи мубориза бо бюрократия, коррупсия ва бесамарӣ баррасӣ бояд кард.

Барои мисол, пеш аҳолии ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ барои гирифтани ягон маълумотнома ва ё расмӣ намудани ҳуҷҷатҳо ба марказҳои ноҳия бояд мерафтанд, ки ин водор мекард садҳо километрро паси сар намуда, дар навбатпоиҳои беохир мунтазир бошанд. Ҳоло акнун вазъият тағйир ёфтааст: дар маҳалҳои аҳолинишин, ки аз маркази ноҳияҳо 100-300 километр дур мебошад, филиалҳои ҳудудии МХД фаъолият доранд. Инчунин истилоҳи «хидматҳои мобилии давлатӣ» ҷорӣ гаштааст, ки дар доираи онҳо мутахассисон ба маҳалҳои дурдасти аҳолинишин мераванд ва дар маҳалҳо қабулҳои сайёр ташкил мекунанд.

Маҳаки асосии бозсозӣ дар низом инфрасохтори замонавӣ гардид: хидмат барои шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ дар биноҳои шинам ва инноватсионӣ расонда мешавад.

Бешубҳа, асосҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ куллан беҳтар гардида, мақоми ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия баланд мегардад, ҳамкории байни онҳо такмил меёбад. Дар таҳрири нави Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон татбиқи принсипи тақсимоти ваколатҳои ҳокимон ва шӯроҳои депутатҳои халқӣ зикр шудааст. Он барои минбаъд баланд бардоштани самараи кори шӯроҳои маҳаллӣ, масъулияти ҳокимон дар назди интихобкардагони халқ, таъмини комили манфиатҳои аҳолӣ дар минтақаҳо хидмат менамояд.

Чунин ташаббусҳо нишон медиҳад, ки мо, депутатҳо бояд фаъолияти худро, ки бо такомули қонунгузорӣ дар соҳаи идораи давлатӣ вобаста аст ва назоратро аз болои татбиқи чорабиниҳои қабулгардида таҷдиди назар намоем. Ғайр аз ин сифат ва вусъати корамонро бинобар самтҳои омӯзиши фикр ва кайфияти одамон, ҷустуҷӯи ҳалли мушкилоти онҳо бояд баланд бардорем.

**Гулрух АЪЗАМОВА, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## АЗНАВКОРКАРД ДАР ҚАЛАМРАВИ ГУМРУК — ИМКОНИЯТИ НАВ



*Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ доир ба содакунии режими азнавкоркарди гумрукӣ дар қаламрави гумрук», аз 25 апрели соли 2022, дар баробари фароҳам овардани шароити мусоид ба соҳибкорон, вусъат додани ҷуғрофияи савдои берунӣ ва беш аз пеш афзун гардидани ҳаҷми содирот низ имконият ба вуҷуд овард.*

*Дар доираи иҷрои ҳуҷҷати мазкур ба ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Юниформ»-и Фарғона сафари матбуотӣ созмон дода шуд.*

*Корхонае, ки ба истеҳсоли 20 навъи сарулибос ихтисосонида шудааст, дар қаламрави гумрук бино ба режими азнавкоркарди гумрукӣ фаъолият дорад. Дар ҳоли ҳозир дар ин ҷо аз ҷониби қариб 250 нафар коргар ба ҳисоби миёна соле беш аз 300 ҳазор сарулибос барои содирот истеҳсол карда мешавад.*

*Бояд гуфт, ки дар ҳоли ҳозир дар вилояти Фарғона беш аз даҳ корхона аз имкониятҳои режими азнавкоркард дар қаламрави гумрук пурсамар истифода мебаранд. Дар давраи сипаригардидаи соли равон дар доираи 12 шартномаи савдои берунӣ дар посгоҳҳои гумрукӣ, амволе, ки 8 миллион доллар арзиш дошт, бо режими азнавкоркард омода гардидаанд.*

***Дар акс:** дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Юниформ»-и Фарғона.*

***Аксбардор: Муқимҷон ҚОДИРОВ (ЎзА).***

***Таҳлил, танқид, таклиф***

# ХИДМАТҲОИ КОММУНАЛӢ МУВОФИҚИ ТАБЪ

***Навъҳои зиёди хидматрасонӣ мавҷуд, вале дар ин миён хидматрасонии коммуналӣ аз ҳама муҳимтар ба назар менамояд.***

Аз он шахсони алоҳида не, кулли аҳолӣ истифода мебарад. Бинобар ҳамин ҳам давлат ҳамеша нисбати ин соҳа ғамхорӣ зоҳир мекунад. Эътибор ба хидмати коммуналӣ бошад, то андозае ба беҳбудии дараҷаи зиндагии мардум нигаронида шудааст. Хусусан аҳолии шаҳр ва шаҳракҳо, онҳое, ки дар манзилҳои бисёрошёна зиндагӣ мекунанд, ба хидматрасонии коммуналӣ бештар ниёз доранд.

Масалан, вақте об наомада монд, ба ҳоли ногувор афтода мондани аҳли хонадонро тасаввур кардан душвор нест.

Ташкилоти асосие, ки таъмини хонадонҳои пойтахтро бо оби ошониданӣ таҳти назорат қарор додааст «Таъминоти оби шаҳри Тошканд» унвон дошта, дар ҳама ноҳияҳои ҷумҳуриамон шуъбаҳои худро дорад. Ин ташкилотро «Сувсоз» ё худ «Водоканал» низ меноманд.

Боз як идора ҳаст дар пойтахт – «Иссиқсувтаъминот». Вазифаи он низ маълум: бетанаффус таъмин карданӣ хонадонҳо ба оби гарм.

Вазифае, ки ба зиммаи таъмингарони об бор аст, хеле вазнин. Чӣ будани канализатсияро хуб медонем, қубурҳо асосан дар ҷойи ба чашм нонамо ҷойгиранд (таҳи хок гӯр карда шудаанд), вақти шикоф шудан, кафидану корношоям шудани ягон ҷойи қубур ҳамон қисмати носозро ёфтан худ машаққатест.

Тавре ба назар мерасад коргарону хидматчиёни идораи «Сувсоз» ва таъминоти оби гарм ором надоранд, вақте ба кӯча баромадед, дар даромадгоҳи манзилҳои бисёрошёна ба коре андармонии онҳоро мебинед.

Ду-се сол инҷониб системаи гармигузаронӣ дар пойтахт ба маъние «мавсимист», яъне аз охири тирамоҳ то аввалбаҳор (наздик панҷ моҳ) давраи басо сермасъулият ба ходимони ин соҳа аст. Аҳолӣ низ мисли пештара барои ҳама моҳҳои сол не, ба моҳҳое, ки ба гармӣ ниёз дорад, ҳақ мепардозад. Кори ходимони системаи гармигузаронӣ бошад, тамоми сол бетанаффус давом мекунад. Вазифаи асосии онҳо дар мавсими гармо – таъмири қубур.

Масъулони таъминоти оби нӯшокӣ, оби гарм ва системаи гармигузаронӣ ҳамеша ҳаракат мекунанд хидматрасониро ба дараҷаи хуб бардоранд, аҳолиро норозӣ накунанд. Вале ҳама вақт ҳам кор ва хидматрасонӣ дар ин самт сифатнок аст?

Истеъмолгарон аз хидматҳое, ки расонда мешаванд, ҳамеша мамнунанд?

На дар ҳама мавзеъҳои пойтахт, мутаассифона, вазъият хуб ва аз амалхое, ки ба иҷро мерасанд, аҳолӣ қаноатбахш.

Боре дар назди яке аз маҳаллаҳои мавзеи сенздаҳуми ноҳияи Юнусобод шоҳиди суҳбате шудам. Намояндаи кадоме аз идораҳо аз сокинони куҳансол пурсид, ки дар таъминоти оби гарм муаммо ҳаст? Бале, гуфтанд бошандагон дар ҷавоб, вақте субҳи барвақт ҷумаки оби гармро кушодем, аввал оби сард, баъди чанде оби нимгарм мебарояд, барои он ки бо оби гарм дасту рӯ шӯем, лозим меояд чанд дақиқа омадани оби гармро интизор шавем, ҳалқаи ҳисобкунак чарх мезанад (пул менависад), об исроф мешавад. Фаҳмо, гуфт намоянда, шикоятро ба дафтари худ қайд карда.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

# ӮЗБЕКИСТОН «МАҲАК»-И ЭЪТИДОЛ ВА РУШД ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Ҷараёнҳои сиёсии кунунӣ ва пешрафти ҳамаҷонибаи Ӯзбекистон боиси рағбати зиёд дар хориҷа мегарданд.**

***Бинобар баҳои намояндагони коршиноси байналхалқӣ ва ҷомеаи соҳибкор, ба шарофати ташаббусҳои рӯзмарраи худ бобати масъалаҳои муҳитарини ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, Ӯзбекистон нафақат дар Осиёи Марказӣ, балки умуман дар арсаи байналхалқӣ, пешоҳанги танзимгар гардид.***

**Директори Барномаи байналхалқии магистрии «Меъморӣ ва мероси фарҳангӣ»-и Донишгоҳи илмҳои амалии Анхалт, профессор Рудолф ЛУКМАНН (ҶФО):**



– Ҳамкории байни Олмон ва Ӯзбекистон аз қаъри асрҳо ибтидо мегирад. Дар таърихи ҳамкории олмониву ӯзбекистонӣ дар сатҳи олӣ чандин ташрифҳои байниҳамдигарӣ сурат гирифтааст. Ман хеле хуб дар ёд дорам, ҳангоми яке аз сафарҳои навбатии расмии худ Президенти Олмон Франк-Валтер Штайнмайер гуфта буд: «Ҳоло ҳама танҳо дар бобати ҳолатҳои манфӣ, оид ба мушкилот, дар бораи он ки ҷаҳон торафт бад мешавад, ҳарф мезананд, вале шумо ба Ӯзбекистон нигоҳ кунед, бубинед, ки ин кишвари ҷавон бо чӣ гуна эътимод инкишоф меёбад, чӣ тарз бо роҳи дуруст бомуваффақият пеш меравад. Ҳангоме ки ба пешрафти муттасили Ӯзбекистон нигоҳ мекунед, дарк менамоед, ки чӣ гуна ин олам барои ояндаи дурахшон умед мебахшад».

Ман фикр мекунам, ин баҳои беҳтаринест, ки ба ҳамкории кунунии дуҷонибаи мо дода шудааст. Ин суханон ҳамчунин аз рӯшодӣ ва ниятҳои самимии роҳбарони давлатҳои мо ва омодагии онҳо ба фаъолона амиқсозии шарикии маҷмӯӣ ва бисёрҷанба бо Ӯзбекистон шаҳодат медиҳад.

Тавре ки ман медонам, ба қарибӣ ба Сарқонуни Ӯзбекистон тағйироти ҷиддӣ ворид карда шуданд. Бовар дорам, ки дар натиҷаи қабул гардидани Сарқонуни нав пешрафти кишвари шумо ҷараёни нав пайдо мекунад. Ин ба Ӯзбекистон такони пурқувват мебахшад, мардум аз натиҷаҳои пурмуҳтаво ва мусбати навсозӣ беш аз пеш илҳом мегиранд.

Вобаста ба ҳамкории соҳаи инсонпарварӣ мехостам ҷиҳатҳои зеринро қайд намоям. Донишгоҳи мо аз мактабҳои олии давлатии Олмон ба шумор меравад, барномаи таълимии он аз ҷониби тамоми ҷомеаи байналхалқии зиёӣ эътироф гардидааст. Инро он санад тасдиқ менамояд, ки алҳол беш аз 50 фоизи донишҷӯёни мо хориҷиён мебошанд. Ҳоло дар мо даҳҳо барномаҳои муштараки таълимии байналхалқӣ бо дигар мактабҳои олии хориҷӣ коркард шудаанд. Соли 1998 мо ҳамкориро бо Донишгоҳи меъморӣ ва сохтмони Тошканд низ ба роҳ мондем. Онро бо табодули ҳайатҳои профессориву омӯзгорӣ оғоз намудем. Соли 2020 барномаи дарёфти «дудиплом»-ро ҷорӣ кардем, ки бинобар он донишҷӯён метавонанд дар ҳар ду мактаби олӣ таълим гиранд ва соҳиби ду диплом шаванд. Ин ташаббус дар самти мазкур тӯли тамоми таърихи ҳамкории мо аз ҳамкориҳои бомуваффақият гардид.

Акнун мо ба нақша гирифтаем, ки чунин муносибат ва ҳамкориро бо дигар донишгоҳҳо, ки дар соҳаҳои тахассусӣ, аз ҷумла, мошинсозӣ, электротехника ва кишоварзӣ амал мекунанд, истифода бубарем. Барои ин таҷриба ва имкониятҳои зарурӣ дорем. Чунин лоиҳаҳо дар тайёр кардани мутахассисон бинобар соҳаҳои зикршуда саҳми назаррас мегузоранд. Бешубҳа, ҷорӣ намудани чунин барномаҳои муштараки таълимӣ низомҳои дахлдори оид ба инсонпарварӣ ва ғайраи ҳар ду мамлакатро беш аз пеш қарин месозанд.

Якҷо бо табодули дониш ва таҷрибаи якдигар мо метавонем усулҳои самарабахш ва пешқадамро кор карда бароем. Ғайр аз ҷиҳатҳое, ки дар боло зикр шуданд, дар соҳаи таълими байни донишгоҳҳои Ӯзбекистон ва Олмон боз бисёр пешомадҳои дигаре мавҷуданд. Моро танҳо саъю кӯшиш лозим аст, ки онҳоро татбиқ намоем..., шавқу рағбатҳо бошанд, дар ҳар ду ҷониб, бидуни шубҳа, зиёданд.

**Ноиб-президенти Палатаи савдову саноати Русия Владимир ПАДАЛКО:**



– Аввало, мехоҳам ҳамкорони ӯзбекистониамонро бо баргузории бомуваффақияти интихоботи президентӣ ва қабули Сарқонуни нав муборакбод намоям.

Эътидол дар Ӯзбекистон омили муҳим барои сармоягузорон ва шариконӣ корчаллон мебошад.

Алҳол муносибатҳои дуҷонибаи байни кишварҳои мо воқеан пеш мераванд, ки ба ҳамкориҳои тарафайни иқтисодӣ таъсири хуб мерасонанд. Ҳоли ҳозир пешрафти табодули моли байни кишварҳои мо тақрибан 20 фоизро ташкил медиҳад, пешбинӣ мегардад, ки то охири сол нафақат натиҷаи соли гузашта ба даст меояд, балки ба дараҷаи баландтаре муваффақ мешавем.

Ислоҳоте, ки дар Ӯзбекистон татбиқ мешаванд, тоҷирони Русияро бо имкониятҳои нав ҷалб месозанд. Дар ҳоли ҳозир зиёда аз 210 корхонаи Русия ба Ӯзбекистон ҳамчун ҷойгоҳи асосии худ, имконияти кооператсияи бузурги саноатиашон баҳо медиҳанд.

Ширкатҳои бузурги Русия дар бозори Ӯзбекистон кор мекарданд ва кор мекунанд, ин ширкатҳои азим аллакай ба дастгирии махсус ниёз надоранд, онҳо ҳамеша нуктаҳои ҳамгироиро дарёфт карда метавонанд. Ҳоло дар соҳаи тиҷорати миёна пешрафти азим ба назар мерасад, ба ин муносибат нақшаҳои воқеан бузург тарроҳӣ мешаванд.

**Сардори Маркази тадқиқотии «Як камар ва як роҳ»-и Донишкадаи Русия, Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ Гао ХАНСЮН:**



– Ба шарофати барномаи нави ошкоро, пурмуҳтавои минтақавии Президент Шавкат Мирзиёев Ӯзбекистон «маҳак»-и эътидол ва пешрафт дар Осиёи Марказӣ гардид.

Солҳои охир ҳамкориҳои бисёрҷанбаи байни кишварҳои Осиёи Марказӣ фаъолона пеш мераванд, ки иқлими куллан нав дар минтақа натиҷаи он гардид. Мо дар ин маврид пешрафти ҳамкории тарафайни байни Ӯзбекистон ва давлатҳои Осиёи Марказиро дар шакли нав мушоҳида менамоем, ки ба рушд ва шукуфоии муштарак мусоидат мекунад.

Таъкид менамоям, ки Чин ва Ӯзбекистон муносибатҳои чандинҳазорсолаи таърихӣ доранд. Тӯли асрҳои зиёд кишварҳои мо робитаҳои фаъолонаро дар соҳаҳои тиҷорат ва мубодилаи мадании Шоҳроҳи абрешим дастгирӣ кардаанд.

Алҳол муносибатҳои дуҷонибаи байни давлатҳои мо, ба шарофати ҳаммонандӣ ва қаробати вазифаҳое, ки дар доираи Стратегияи рушди Ӯзбекистон ва ташаббусҳои «Як камар ва як роҳ» пеш мераванд, ба дараҷаи куллан нав, дараҷаи олии ҳамкорӣ расиданд. Ҳамаи ин барои рушди минбаъда ва таҳкими муносибатҳои ӯзбекистониву чинӣ асоси мустаҳкам фароҳам меоварад.

**АИ «Дунё».**

# ХИДМАТҲОИ КОММУНАЛӢ МУВОФИҚИ ТАБЪ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Мушкилотро дар ҷои худ санҷидан кори хуб, албатта. Хубтар мешавад агар он ҳаллу фасл ёбад.

Мутаассифона, баъди он ҳолат низ вазъият тағйир наёфт. Ҳатто бадтар шуд. Нафақат субҳидам, дар вақтҳои дигар низ агар ба оби гарм ниёз дорем, лозим меомад ҷумакро кушода монем. Ногуворӣ, яъне дар вақташ наомадани оби гарм ҳанӯз давом дорад. Аҷибаш боз он ки гоҳ аз ҷумаки оби гарм оби сард меояд, аз ҷумаки оби сард – оби гарм...

Тақрибан бист соли охир дар давоми сол панҷ рӯз (аз душанбе то шанбе) қубур ва дигар васоити техникии оби гарм таъмир карда мешуд, дар давоми ин рӯзҳо оби гарм намеомад ва мо, сокинон, ба ин одат карда будем. Вале дар ду-се соли охир ин вазъ, ё худ «график» тағйир ёфт. Панҷрӯзаи таъмир соле як маротиба не, чанд маротиба ба амал мебаромадагӣ шуд. Имрӯзҳо мутасаддиёни соҳа дар вақте ки хостанд, оби гармро қатъ мекунанд. Баҳона – корҳои таъмирӣ.

Корбарии «Ўзбекэнерго» дар таъминоти қувваҳои барқ чӣ тарз? Чаро вақтҳои охир чароғҳои электрикии як қатор ноҳияҳои пойтахт зуд-зуд хомӯш мешаванд? Ҳамаамон шоҳид ба он ки дар моҳи январи соли равон ҳарорати ҳаво нисбат ба меъёр хеле сард шуда, дар натиҷа афзоиши талаботи соҳаҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт дар мамлакатамон ба неруи барқ дар реҷаи кори низоми энергетикӣ мушкилот пеш овард. Якчанд трансформатор дар пойтахт ба сардии сахт ва зиёд шудани сарборӣ тоб оварда натавонистан, таркишу аварияҳо рӯй доданд. Мушкилот аз ҷониби мутахассисҳо омӯхта ва мутасаддиён вазифадор карда шуданд, ки минбаъд, сарфи назар аз инҷиқиҳои обу ҳаво, барои роҳ нагузоштан ба ин гуна ҳолатҳо чораҳои қатъӣ андешанд. Вале чунин вазъияти ногувор дар гармои тобистон дар якчанд ноҳияи пойтахт аз нав такрор ёфт. Акнун гармии тоқатфарсо сарбории шабакаҳои барқиву трансформаторҳо гардид. Рӯй додани аварияҳо ба соатҳои дароз қатъёбии барқ сабаб гашт. Чанд сол пеш хомӯшшавии барқ ҳодисаи ногаҳонӣ ҳисоб ёбад, ҳоло дар як қатор мавзеъҳо он мисле воқеаи муқаррарӣ шуда монд.

Бе барқ кор накарда мондани телевизор, компютер ва дигар асбобу техникаи маишӣ, дар торикӣ мондани одамон – дарди бахайр, вале яхдонҳо чӣ мешаванд? Озуқаворӣ дохили он дар гармои тобистон...

Баъзан қатъ ёфтани гази табиӣ бинобар авария, ки ба рӯй доданашон, албатта, фориғболиҳо сабаби асосианд, боиси ташвиш ва нигаронии бештар аст. Дуди газ ба чӣ қадар фалокату ҳалокатҳо сабаб мешавад, ба ҳамаамон маълум.

Пештар вақте бо сабаби тавлиди зарурат об, газ ё чароғ қатъ гардад, пешакӣ истеъмолгарон огоҳ карда мешуданд.

Ҳоло қаблан хабардорсозӣ ё узрпурсӣ аз аҳолӣ қариб мушоҳида нашуда, «хомӯшшавӣ» ё қатъёбиҳо ба эътирози барҳақи аҳолӣ сабаб мешавад.

Яке аз муаммоҳо дар хидмати коммуналӣ – аз ҷониби истеъмолгар дар вақташ пардохта нашудани ҳақи газ, чароғ, об, партов ва амсоли онҳост. Афзудани қарз бошад ба тавлиди мушкилоти нав боис мегардад.

Шаш-ҳафт сол пештар ба идораи гармигузаронию таъмини оби гарми ноҳияи Юнусобод ворид шуда, дар як тарафи толори васеъ асбобу анҷомҳои ба аҳолӣ дахлдорро дида метавонистем, ки аз манзили қарздорҳо зӯран оварда шудаанд. Хайрият ин ҳолат барҳам хӯрд. Истеъмолгар низ шояд ин вақтҳо барои дар вақташ пардохтани қарз ҳаракат мекунад. Бо вуҷуди ин панҷ панҷа баробар нест – гоҳо мешавад аз ноилоҷӣ истеъмолгар ҳақи хидмати коммуналиро пардохта наметавонад. Чӣ мешавад дар ин гуна ҳолат?

Ҳамсоям – пиразани бесаробон, ногиро, ба кӯча баромада наметавонад. Бегоҳирӯзие «домком» дари хонаашро мекӯфт. Аз дарун, ки садо нест, дилтанг мешуд. Ба ман шикоятомез даҳон кушод, ки кампир аз «ЖЭК» қарздор, ширкат ба суд муроҷиат кардааст, аз суд хабарнома омад, диҳам гӯям дарро намекушояд. Гуфтам: «Наход бе суд илоҷи ҳалли муаммо нест. Охир аҳволи кампирак маълум!»

Хайр, ман чӣ кор кунам, даҳон кушод «домком», чӣ ҳам меомад аз дастам?

Маълум, ки бошандагони хонаҳои бисёрошёна ҳар моҳ барои манзили истиқоматиашон ба ширкати мулкдорони хонаву ҷой ҳақ месупоранд. Умуман, вазифаи ширкат аз чӣ иборат аст? Маблағе, ки аз аҳолӣ ҷамъ шудааст, ба куҷо ва чӣ сарф карда мешаванд?

Мегӯянд ҳолатҳои тороҷ шудани маблағ аз ҷониби ширкатҳои хонаву ҷой на як бору ду бор рӯй додааст. Чунончи, назар ба маълумотҳо, ширкатҳои мулкдорони хонаву ҷойи шаҳри Тошканд соли гузашта ба андозаи 3,5 миллиард сӯм ба қонуншикании молиявӣ роҳ додаанд.

Аз ҷумла, қонуншиканӣ ё худ тороҷ аз ноҳияи Юнусобод – 409,9 миллион сӯм. Қонунвайронкуниҳое, ки аниқ шудаанд, ба изофанависӣ ба ҳаҷми корҳои таъмирӣ, бемақсад кор фармудани маблағи вом, тороҷсозии маблағи аз аҳолӣ ҷамъшуда вобаста буданд.

Хуб шуд, ки ин вақтҳо аз картаҳо низ ба тарзи онлайн ҳақи коммуналиро пардохтан мумкин, вале аксар истеъмолгарон бо сабабҳои маълум бевосита ба идораҳои дахлдор мераванд, то қарзҳоро аниқ кунанд ва пардозанд. Вале на ҳамеша касса аз рӯйи график кор мекунад. Ё худ дурудароз навбатпоӣ дар назди касса, ки агар дуто бошад, яктояш кор намекунад, ба рӯҳияи истеъмолгарон таъсири нохуб мерасонад.

Табъи дил сурат гирифтани хидматрасониҳои коммуналӣ, зимнан, ба мо, истеъмолгарон низ то андозае вобаста мебошад. Хуб мешуд дар ҷои кор ва манзилгоҳамон об, газ ва чароғ барин неъматҳоро оқилона истифода барем, ба исрофкориҳо роҳ нагузорем, қарзҳои коммуналиро дар вақташ пардозем.

Ҳамин тавр кунем, бешак, ба дар муддати кӯтоҳ аз байн бурдани маҳдудиҳо саҳм мегузорем.

**М. ШОДИЕВ.**



# ДАР БУХОРО КОРХОНАИ НАВИ САНОАТӢ КОР САР КАРД

***Мувофиқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 30 декабри соли 2021 «Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи сармоявии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар солҳои 2022-2026 ва ҷорӣ намудани механизмҳои нави идоракунии лоиҳаҳои сармоявӣ» дар ноҳияи Когон барпо намудани лоиҳаи истеҳсолии маҳсулоти акрил, ришта-калобаи иқтидори солонааш 40 ҳазор тонна ва арзишаш 36 миллион доллари минтақаи озоди иқтисодии «Ғиждувон» аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Сиёвуш текстил Бухоро» оғоз ёфта буд.***

24 июли соли ҷорӣ ин лоиҳа ба кор даромад. Ба ин муносибат дар тадбири созмонёфта мутасаддиёни ҳокимиятҳои вилояту ноҳия, аҳли корхона, намояндагони идораю ташкилотҳо иштирок карданд.

Ҳокими вилоят Ботир Зарифов гуфт, ки ба шарофати ин корхона дар вилоят истеҳсоли сифатноки акрил ришта-калоба ба роҳ монда шуд. Дар натиҷа барои содироти вилоят ба тарзи иловагӣ ба андозаи 6 млн. доллар базаи захиравӣ фароҳам омада, боиси ба буҷаи давлат ворид шудани 4,5 миллиард сӯм даромад мегардад. Баробари ин дар корхона бештар аз 1200-то ҷои нави корӣ ба вуҷуд омад.

Ба кор даромадани лоиҳа ҳосил намудани акрил ришта-калоба ва ҷараёни аз он истеҳсол кардани маҳсулоти тайёр пурра маҳаллӣ кунонда мешавад. Соҳибкорон бобати дар марҳилаи навбатӣ инкишоф додани корхона роҳҷӯӣ менамоянд.

Ба фаъолият оғоз намудани корхонаи нав, бешубҳа, боиси дастрасшавии имкониятҳои нав мегардад.

**Амрулло АВЕЗОВ, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**



*Дар ноҳияи Қонликӯли Ҷумҳурии Қароқалпоқистон оиди бо шуғл фарогирии аҳолӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ як қатор корҳо ба амал татбиқ гардиданд.*

*Хоссатан, ба дастгирии онҳое, ки бо соҳибкорӣ ва ҳунармандӣ машғул шудан мехоҳанд, эътибори алоҳида дода мешавад.*

*Сокини ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи «Дӯстлик»-и ноҳия Баҳодур Боймуродов соли гузашта корхонаи оилавии «Мебел голд Жасмина»-ро созмон дода буд. Барои хариди асбобу анҷоми зарурии корхона ӯ бино ба тавсияи ёвари ҳоким аз бонк ба миқдори 136 миллиону 800 ҳазор сӯм кредит гирифт.*

***Дар акс:*** *намунае аз ҷиҳози замонавие, ки корхонаи оилавии мазкур барои офис ва хонаҳои мардум истеҳсол кардааст.*

***Аксбардор: Мақсад ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

## ХАБАРҲО

### ТОБИСТОНИ ХУРРАМИ КӮДАКОН ДАР ПОЙТАХТ

***Бо бунёди объектҳои соҳаи иҷтимоӣ, барпо шудани муассисаҳои нави таълимӣ ва марказҳои солимгардонӣ симои ноҳияи Янгиҳаёти пойтахт дигаргунӣ касб менамояд.***

Ба наздикӣ дар маҳаллаи Чоштеппаи ноҳия боз як ташкилоти таълимии томактабӣ (рақами 124) ба истифода супурда шуд, ки барои 330 нафар кӯдакон пешбинӣ шудааст. Алъон дар 12 гурӯҳ хурдтаракон дар асоси талаботи замон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Муассисаи давлатии таълими томактабии рақами 127 воқеъ дар маҳаллаи Орият низ ташкилоти тозабунёд буда, 720 нафар кӯдаконро ба бар гирифтааст. Давраи солимгардонии тобистона барои тарбиягирандагон дар худи муассисаи таълимӣ пурмазмун мегузарад. Хусусан, ҳавзаи шиноварӣ молик ба ҳамаи қулайиҳост ва оббозӣ барои онҳо фараҳбахш. Маҳфилҳои рақсу суруд ва варзиши бачагона, айни замон, гулҳои ҳаётро ба худ ҷалб мекунад. Аз шароитҳое, ки дар ин ду муассисаи таълимӣ барои истироҳати бофароғати фарзандон офарида шудаанд, падару модарон мамнунанд.

### БАҲРИ ПЕШГИРИИ БЕМОРИҲОИ ЭНДОКРИНОЛОГӢ

***Дар Агентии ахбор ва коммуникатсияи оммавӣ аз ҷониби Кумитаи осоиштагии санитарӣ-эпидемиологӣ ва солимии ҷомеа брифинг баргузор гашт. Масъалаи пешгирии бемориҳои эндокринологӣ мавриди муҳокима қарор гирифт. Доири амалҳое, ки оиди пешгирии касалии танқисии йод ба иҷро расонда мешаванд, чӣ тавр самара бахшидани корҳои сохторӣ дар ин самт маърӯза хонда шуд.***

Дар давоми шаш моҳи аввали соли равон аз нуқтаҳои савдо ва хӯроки умумӣ 506-то, аз муассисаҳои таълими томактабӣ, дабистонҳои таълими умумӣ ва дигар объектҳои соҳаи иҷтимоӣ 1283-то намуна аз тафтишоти лабораторӣ гузаронида шуда, ҷамъ 1866 килограмм намаки ош ба корхонаҳои истеҳсолӣ баргардонда фиристода шуд, таъкид гашт дар брифинг.

Дар солҳои 2021–2022 намунаи намаки ош, ки дар таркибаш йод ба миқдори кофӣ нест ё худ намакҳое, ки умуман бейод мебошанд, 45 фоизро ташкил карда бошад, дар натиҷаи чораҳое, ки дар ин самт андешида шуданд, ин рақам ба 18 фоиз фуромад.

Назар ба маълумотҳо, аз се як ҳиссаи аҳолии ҷаҳон болоравии хавфи бемории танқисии йодро ҳис менамоянд. Тақрибан дар 780 миллион нафар аҳолии дунё бемории норасоии ёд дар намуди буқоқ ба зуҳур омадааст. 50 миллион нафар одамон бинобар асорати ин беморӣ дучори камақлӣ ва бемории рӯҳианд. Норасоии бемории йод ва таъсири он ба солимии аҳолӣ дар Ўзбекистон низ ба назар мерасад, гуфта шуд дар фуроварди ҷамъомад ва таъкид гашт бояд аҳолӣ намакро танҳо аз дӯконҳои ба савдо рухсатдошта ва ба андозаи даркорӣ харид намояд. Зарфҳои намак дар ҷои гарм ё ҷойҳое, равшанӣ меафтад, бояд нигоҳ дошта нашаванд.

**М.ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**

# ЗИНДАГӢ ХУД ОИНАИ ҲАҚИҚАТ АСТ

## мегӯяд депутати маҳаллӣ ва фаъоли иҷтимоӣ Камолиддин Азизов

**Камолиддин Азизов аз шумори журналистони вилояти Фарғона мебошад, ки то касби истиқлолияти мамлакатамон ба узвияти Иттиҳодияи журналистони ҷумҳурӣ пазируфта шуда ва имрӯз низ мавзӯъҳои гуногунро дар матбуот ва шабакаҳои иҷтимоӣ баррасӣ мекунад.**



Камолиддин Азизов баъди хатми мактаби рақами 7-уми ноҳияи Сӯх барои идомаи таҳсил шаҳри Душанберо интихоб кард. Вай мехост ба яке аз донишгоҳҳо дохил шуда, бо дипломи маълумоти олӣ ба зодгоҳаш баргардад, зеро падараш Мӯъминҷон Азизов касби омӯзгориро аз беҳтарин ва бошарафтарин касбҳо унвон мекард.

Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе бо сабабҳои гуногун ҳуҷҷатҳои ӯро қабул накард. Камолиддин аз чунин ранг гирифтани ҳол аввал ба ҳайрат омад, баъд дилу бедилон Душанберо ба қасди шаҳри Фарғона тарк намуд. Шунид, ки комиссияи қабули «Муассисаҳои таҳсилоти олии марказӣ» қабули донишҷӯёнро ба донишгоҳҳову донишкадаҳои гуногуни шӯравӣ эълон кардааст ва ба он ҷавонони деҳоти дурдаст бештар ҷалб карда мешаванд.

Ҳуҷҷатҳояшро ба комиссияи қабули ҳамон муассисаҳо супурд ва донишу маҳораташро сарф намуд, ки муваффақона аз имтиҳонҳо гузарад. Бахташ хандид. Комиссияи қабул вайро ба сифати донишҷӯи факултаи забон ва адабиёти руси Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Херсони Украина ба қайд гирифт.

– Шавқу рағбати хондан дар ман хеле зиёд буд. Барои ҳамин кӯшиш кардам, ки аз устодон ҳарчи бештар илму дониш омӯзам. Панҷ соли донишҷӯӣ паси сар шуд ва бо диплом ба зодгоҳ баргаштам. Дар мактабе, ки даҳ сол таҳсил кардаам, шомили кор шудам ва солҳои зиёд забони русиро ба шогирдон омӯзонидам. Баъзан аз ҳаёти мактаб, конфронсҳои китобхонон, ҷараёни корҳои саҳроӣ, дастоварди пешқадамони истеҳсолот ва амсоли он хабару мақолаҳо менавиштам, — аз гузашта ёдовар шуд Камолиддин.

Журналистика ҳамеша барои вай касби мароқангез ва шавқовар менамояд. Барои ҳамин хост, ки дар давоми фаъолияти омӯзгорӣ дар шуъбаи ғоибонаи факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тошканд таҳсил намояд. Баъди ду соли таҳсил ба сабаби маҳдудияти имкониятҳои хонаводагӣ таҳсилро то охир давом дода натавонист. Бо вуҷуди ин, аз журналистика ҳаргиз дил наканд ва аз он дур нашуд. То ҳол як ҷузъи ҳаёт ва фаъолияти вайро хабару мақоланависӣ ташкил мекунад.

Гузашта аз ин, расонаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ба Камолиддин Азизов ба ҳайси коршиноси масоили минтақавӣ муроҷиат мекунанд. Вай перомуни ҳаводиси гуногуни сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Ўзбекистон, инчунин дар робита ба вазъ дар ҳамсоякишварҳо назари худро ба сифати коршинос иброз медорад.

– Ду сол муқаддам маро аз ҳизби «Миллий тикланиш» ба мақоми депутати Шӯрои депутатҳои халқи ноҳия номзад пешбарӣ карданд. Рости гап, чандон шавқманди чунин корҳо набудам ва бе ҳамин депутатӣ низ аз дарду доғи мардум ҳамеша ҳарф мезанам. Натиҷаи овоздиҳӣ нишон дод, ки дар байни панҷ номзад ба тарафдории ман аксарияти овоздиҳандагон райъ додаанд. Ҳоло ҳамчун депутати маҳаллӣ масъалаҳои ҳаллашон ногузирро дар миён мегузорам, – мегӯяд Камолиддин.

Лӯлаи гази табиии Ўзбекистон аз шафати деҳаи Чашма мегузарад ва тавассути он сокинони як қатор шаҳраку рустоҳои вилояти Боткенти Қирғизистони ҳамҷавор бо гази табиӣ таъмин мешаванд, аммо бошандагони деҳаи Чашма ба ҷои гази табиӣ манзили худро бо ангишт ва ҳезум гарм мекарданд.

– Доир ба ин масъала чанд бор ба идораҳои гуногун муроҷиат кардам, нома аз пайи нома навиштам. Номаҳо мазмун ва мундариҷаи ҳамсонро акс менамуданд: ин чӣ ҳолу аҳвол аст, ки шаҳрвандони кишвари соҳибистиқлол наметавонанд аз гази табиие, ки аз шафати деҳаашон мегузарад, истифода кунанд, хомашонро пазанд ва хонаҳои худро гарм кунанд!

Ҳатто дар ин бора ба Дастгоҳи Президент низ муроҷиат кардам. Ахиран ба он муваффақ шудам, ки аз буҷаи ҳокимияти вилоят маблағи зарурирo ҷудо кунанд ва аз маркази ноҳия то Чашма лӯлаи алоҳидаи газро кашида овардем, – бо қатъият иброз дошт ҳамсӯҳбати мо.

**– Аз ноҳияи Риштон ҷудо шудани ноҳияи Сӯх худ аз худ ба вукӯъ напайвастааст ва он тақозои ҳамон давру замон буд. Дар ин раванд баъзе равшанзамирони сӯхӣ хеле нақши муассир бозидаанд. Дуруст аст?**

– Бале, он таърихи дуру дароз дорад. Ба ноҳияи мустақил табдил ёфтани совхоз ё ба истилоҳи имрӯза, хоҷагии ҷамоавии «Сӯх» ва дар рушду равнақ ёфтани он ҳиссаи як зумра шахсони шарафманди ин диёр бузург аст. Ҳамон мардони шуҷоъ ва боғайрат дар замони шӯро бо виҷдони пок меҳнат мекарданд. Дар зарфи солҳои дароз роҳбарияти ноҳия чандин бор иваз шуд, аммо таассуф мехӯрам, ки номи ин ашхос боре ба забон гирифта намешавад ва дер бошад ҳам хизматашон қадршиносӣ намегардад, – қайд намуд ҳамсӯҳбати мо.

Маълум шуд, ки яке аз ин ҷонфидоҳо Нарзиддин Ғаниев мебошад. Нарзиддинамаки шодравон тамоми умри худро ба рушду ривоҷи ин халқу ватан сарф кардааст. Садҳо гектар боғе, ки арзи вуҷуд намудаанд, маҳз тахти раҳбарии ин марди қавиирода бунёд ёфтаанд. Боз Муҳиддинбобо Юнусов, Мирзоҷон Хӯҷамов, Ҳошимҷон Ҳомидҷонов, Зархорбой Қодиров, Аъзамҷон Муталиев, Ўринбой Раҳимов, Ҳомидҷон Нишонов, Сулаймон Ҳамалов, Исмоилҷон Мақсудов, Аюбҷон Нишонов ва дигарон аз зумраи шахсиятҳое мебошанд, ки на барои мукофот, балки аз рӯи виҷдон ва дили соф меҳнат кардаанд. Имрӯз қисмати аъзами онҳо дар қайди ҳаёт нестанд.

– Аъзамҷон Муталиев бародари модарам – тағои ман. Баъди хатми факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна солиёни дароз дар мактаби миёнаи ба номи А.Саидбекови деҳаи Сариканда директор буданд. Садҳо шогирдони шоистаро устодӣ намудаанд. Нахустин бинои нави замонавии мактабро созондаанд. Дар замини бекорхобидаи Санги Сиёҳ шаш гектар боғи зебоманзаре бунёд кардаанд, ки ин корнамоиашон дар таърихи маорифи ноҳия сабт ёфтааст, – изҳор намуд Азизов.

**– Ҳолати имрӯзаро чӣ тавр арзёбӣ мекунед? Оё роҳбарони идораҳои маҳаллӣ дорои фазилатҳое ҳастанд, ки номашон дар боло зикр гардид?**

– Ростӣ, дилам мехоҳад, ки ҳар як роҳбар боилтифот бошад, меҳнати атрофиёнро қадр кунад. Дуруст аст, ки корҳо хуб пеш мераванд, ободӣ аз пайи ободист. Барои ин мо аз Президент хушҳолу сарфарозем. Он кас барои рушду ривоҷи ноҳия қарори вижа содир намуданд ва ҳоло Сӯх ба тарви шинохтанашаванда тағйир ёфтааст. Лекин мисли он ки панҷ ангушт баробар нест, дар байни роҳбарони ниҳодҳои гуногун шахсоне ҳастанд, ки «сараму дилам» кор мекунанд.

**– Биёед, мавзӯъро сари муҳтавои нашрияҳои даврӣ идома диҳем. Фикратон перомуни ин масъала чӣ гуна аст?**

– Шаф-шаф нагуфта, шафтолуи гапро мегӯям. Фелетон, памфлет барин жанрҳои рӯзноманигорӣ қариб, ки дида намешаванд. Ин чӣ маъно дорад? Магар ҷамъият аз носозию камбудиҳо орист? Ё ин ки айбу кирдори одамони мунофиқ, онҳое, ки ба пешрафти ҷамъият ва пойдории истиқлолият бо рафтори ношоистаашон зарар меоваранд, ҳаргиз мавриди танқид қарор намегиранд. Чаро?

**– Яъне мазмун ва мундариҷаи як қатор матбуоти даврӣ шуморо қонеъ намекунад?**

– Чандон не. Ба гуфтаи як хабарнигор, гӯё онҳо вазифадоранд, ки фақат аз бурду комёбиҳо нависанд. Ин ҳарфҳои ӯро шунида давраҳои пеш ба ёдам расид, ки журналистон бештар ҷумлаҳои суфтаву забонзадаро истифода мекарданд. Мутаассифона, ҳоло низ ин раванд дар як қатор нашрияҳои даврӣ давом мекунад. Ин дар ҳоле мебошад, ки Сарвари давлат аз журналистон холисона баррасии масъалаҳои мубрамро тақозо менамояд, онҳоро ба ҷуръату ҷасорат даъват мекунад.

Камолиддин солҳои аввали ба истиқлол расидани кишвар хоҷагии фермерӣ ташкил кард. Ҳоло корҳои ин хоҷагии фермерӣ ба дӯши писараш вогузорӣ шудааст. Ҳар сол хоҷагӣ гандум, картошка ва дигар намуди маҳсулоти кишоварзӣ парвариш кардаву ба дастурхони мардум пешкаш менамояд. Дар як тарафи майдони хоҷагии фермерӣ дарахтони мевадиҳанда низ мавҷуданд, ки кайҳо ба ҳосил даромадаанд.

Дар бораи ӯ боз метавон чанд варақро сиёҳ карду навишт ва паҳлӯҳои гуногуни ҳаёташро мавриди баррасӣ қарор дод. Дар тӯли ҳаёти наздик ба ҳафтодсолааш Камолиддин бо ҳамсари меҳрубонаш – Мӯнисхон соҳиби панҷ фарзанд шудаанд ва набераву аберагон ҳастанд. Бо вуҷуди ин, вай хастагиро наменписандад ва ҳамчун фаъоли ҷамъият, депутати халқ, журналисти боҷуръат дар роҳи хидмат ба мардуми худ талошҳои зиёд ба харҷ медиҳад.

**Мирасрор АҲРОРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*



## ТАБИАТИ ЗЕБОИ СУВТУШАР ДАЪВАТ МЕНАМОЯД

*Дар воҳаи Қашқадарё гӯшаҳои хушобу ҳаво ва зебою нотакрор бисёр. Яке аз чунин масканҳо шаршараи машҳури Сувтушари ноҳияи Шаҳрисабз мебошад. Он шаршараи сероб ва дарозтарини мамлакатамон ба ҳисоб меравад. Шаршара дар қисми болооби сойи Сувтушар – мамнӯъгоҳи давлатии «Ҳисор», аз сатҳи баҳр дар баландии 2100 метр ҷойгир шудааст. Баландии шаршара 84 метр буда, байни харсангҳо ва арчазор ҷойгир шудааст ва дӯстдорони табиатро ба худ ҷалб месозад. Аз шаршара дар ҳар сония 5-6 метри мукааб об ҷорӣ мегардад. Имрӯзҳо аз ин манзараи зебо аз тамоми гӯшаю канори мамлакат сайёҳон дидан мекунанд.*

***Дар акс:** шаршараи Сувтушар.*

***Аксбардор: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).***

Соли эътибор ба инсон ва сифати таълим

# ИСТЕЪДОД ЛУТФИ ХУДОВАНДИСТ

*Зиндагӣ қаҳрамонҳои зиёд дорад, ки бо таъсири сабақи ҳаёт давраи наверо дар зиндагии хеш оғоз кардаанд.*

**(Генри Торо).**

Соли 2006 ӯ дар мактаби рақами 16-уми гузари Ўрташайх ҷонишини директор оид ба корҳои таълиму тарбия буд ва аз фанни физика ба шогирдон сабақ медод. Таълимгоҳ дар ноҳияи Самарқанд аз ҳар ҷиҳат пешқадам буду аксарияти хатмкунандагон ба мактабҳои олии мамлакатамон ва дигар кишварҳои ҷаҳон дохил мешуданд. Маҳз барои ҳамин аз дигар маҳаллаҳои ноҳия, ҳатто аз шаҳри Самарқанд падару модарон мехостанд фарзандони худро ба ин мактаби номдор супоранд, ки аз устодони соҳибтаҷриба илму дониш омӯзанд.

Баъди он, ки талабгорон бисёр шудаанду синфхонаҳо дар ду баст низ нарасид, масъалаи дар деҳаи Хоҷа Аҳрори Валӣ кушодани шӯъбаи мактаб ба миён омад.

Собиқ ҳокими ноҳия Баҳодур Саъдуллоев сарвари таълимгоҳ Сайёра Аҳроровaро (илоҳӣ руҳаш шод бод!) назди худ хонд ва маслиҳат пурсид, ки дар шӯъбаи навбунёд киро роҳбар таъин бояд кард?!

– Холида Шамсиддинова натанҳо муаллимаи пешқадам, инчунин ташкилотчии соҳибистеъдод аст, – гуфт Сайёра Аҳророва. – Соли 1985 ба кор омад ва бо ташаббусҳои аҷоиб, навоварӣ, фаъолияти ғайриқолабӣ то дараҷаи ҷонишини директор расид.

Ҳоким бо номзад низ сӯҳбат ороста, аз ҷаҳонбинии васеъ, тафаккур, гуфтору рафтор ва дигар хислатҳои неки инсонии вай дар тааҷҷуб монд.

– Холида Қамариддиновна, – ниҳоят иброз дошт Б. Саъдуллоев, – маҳз шуморо ҳамчун номзади арзанда ба шуъбаи таълими халқ тавсия мекунем ва ваъда медиҳем, ки муаммо пайдо шавад, кумаки худро дареғ намедорем.

Холида ин навидро ба ҳамсараш Самеъҷон Шодиев расонд ва ӯ розӣ шуд. Баъди фармоиши мудири шӯъбаи таълими халқ ба кори нав пардохт.

Акнун вай мувaққатан ҳам бинокор буду ҳам муҳандис. Бо маслиҳату машварати мутахассисон оиди бинои мактабро ба замона хос бунёд кардан саҳми арзанда гузошт.

Оғози соли хониши 2007 бо салоҳдиди ҳокимияти ноҳия шӯъба ба мактаби нав табдил ёфт ва нахустин директор Холида Шамсиддинова таъин гардид.

### «ХУБ ШУД, КИ ЗАН БА ДАВЛАТ ЁР ШУД»

*Пештар бо арзи эҳтироми зиёд мардон дар нақлиёт ҷойи худро ба занҳо холӣ мекарданд, имрӯз ин арзи эҳтиром дар холӣ кардани мансаб барои занҳо зоҳир мешавад.*

**(Патрик О'РУРК).**

Аз азал касе огоҳ нест, ки зери мафҳумҳои амри тақдиру дар хати ҷабин чӣ гуна пешомад пинҳон чӣ ҳаст. Холида ҳеҷ гумон надошт, ки пайраҳаи зиндагӣ ўро то мактаби навбунёди рақами 10-уми ноҳияи Самарқанд меоварад. Ва ӯ баъди директор таъин шудан аввало «команда»-и фидокор, адолатпарвар, ташаббускору масъулиятшиносонро ташкил намуд. Ба ҳар як омӯзгор роҳи ислоҳи камбудиҳоро фаҳмонд. Шояд аз ҳамин сабаб мактаб дар муддати кӯтоҳ на танҳо дар ноҳия, ҳатто дар вилоят ном баровард.

Соли гузашта хонандагони таълимгоҳ дар озмуни омӯхтани забони англисӣ дар ҷумҳурӣ ҷойи аввалро ишғол карда, 250 миллион сӯм мукофотпулӣ гирифтанд ва ду ҳафта ба Англия сафар карда, бо ҳамсолони хеш риштаи дӯстӣ бастанд.

Чанде пеш дар зинаи вилоятии ин озмун бахти онҳо тофт ва ба мусобиқаи ҷумҳурӣ роҳхат гирифтанд. Мақсад дар кишвар пирӯз гашта, ба Шветсария рафтан аст.

### МУЛОҚОТИ ОШКОРО ВА ДИЛНИШИН

*Оё нашунидаӣ, ки одаме замин мекофт, вале ганҷи азимеро ёфт!*

**(Ҷуброн ХАЛИЛ).**

Ўро дар ҳуҷраи кориаш ғарқи нависнавис дидам. Вай занест кулчарӯву кушодачеҳра.

**– Холида, гӯед, ки сиру асрор, яъне сабаби солҳои тӯлонӣ пешқадамиро аз даст надодани мактаби шумо дар чист?**

– Интизом ва вазифашиносӣ. Агар ҳар яки мо ба ин қоида амал кунем, ба якдигар кӯмаки беғараз расонем, на бо ҳасад, балки бо ҳавас меҳнат кунем, муваффақият аз мо аст. Мо, омӯзгорон ҳамеша дар ёд дорем, ки мақсади мактаб тарбия ва фақат тарбия! Ва тарбия аз таълим волотар. Тарбия инсонро ба камол мерасонад.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# НАШРИ НАВУ ПУРРАИ «ТАЪВИЗ-УЛ-ОШИҚИН»-И ОГАҲӢ

Бузургтарин симоҳо дар адабиёти ўзбек Навоию Бобур бошанд, як гурӯҳ муҳаққиқон ва донишмандони адабиёт Муҳаммад Ризо Огаҳиро савумин намояндаи барҷаста дар адабиёти класикии халқи баробар мешуморанд. Ба наздикӣ нашриёти «Адабиёт» таҳти кумаки молиявии Иттиҳоди нависандагони Ўзбекистон девони бузургҳаҷми Огаҳиро ба табъ расонд, ки наздик аз 700 саҳифа иборат аст. Мураттиб яке аз донишмандони рӯз Сайфиддин Рафиддинов, ки баробари адабиёти туркизабон аз адабиёти форсӣ-тоҷикӣ огоҳ аст. Китоб асосан девони «Таъвиз-ул-ошиқин»-и Огаҳиро фаро гирифта ғазал, рубоӣ, қитъа, мустазод, мурабба, мухаммас, мусаддас ва тарҷеъбандҳои суханвари маъруф дар он ҷойгир шудаанд.

Зимнан, «Таъвиз-ул-ошиқин» («Тумори ошиқон») аз ғазалҳои туркӣ ва форсӣ-тоҷикии Огаҳӣ таркиб ёфтааст. Боби «Ашъори форсӣ»-и китоби тозанашр беихтиёр таваҷҷуҳи моро ба худ мекашад: ғазалҳои равон, хушҷило, олимазмун.

Ин тавр гуворо садодиҳии сурудҳое, ки гӯяндаашон намояндаи халқи дигар аст, касро ба ҳайрат мегузорад:

*Шуд зи умри бебақои худ*
*магар огоҳ субҳ,*
*Меравад аз хештан ҳар дам*
*кашида оҳ субҳ.*
*Гашт чун мӯят сафед, аз худ*
*бишуд аспи умед,*
*Омаданро бин, ки бо*
*рафтан кунад ҳамроҳ субҳ.*

Ҷуз девоне, ки зикр шуд, Огаҳӣ боз якчанд асари бадеӣ-таърихӣ эҷод намудааст, ки дар шакли назм мебошанд. «Риёз-уд-давла», «Зубдат-ут-таворих», «Ҷоме-ул-воқеоти султонӣ», «Гулшани давлат», «Шоҳиди иқбол» барин таълифоти ӯ, гуфтан мумкин, рӯйдодҳои муҳим дар асри 19-умро дар худ инъикос, рӯзгори аҳли Хоразм ва мардуми атрофи он дар давраи салтанати Оллоқулихон, Раҳимқулихон, Муҳаммад Аминхон, Саййид Муҳаммадхон ва Муҳаммад Раҳим II-ро бозгӯ намудаанд.

Навъе мебинем, Огаҳӣ баробари шеърнависӣ ба ду забон чун таърихнигор низ ба назар мерасад, ҳаёти маданию иҷтимоии як қатор халқҳоро, ки дар муҳити ҳамсоягарӣ зиндагӣ кардаанд, ба қалам медиҳад, асосан ба нақлу тасвири воқеаҳое эътибор менигаронад, ки аҳамияти таърихӣ доранд. Хоссатан «Фирдавс-ул-иқбол», ки бо супориши Оллоқулихон таълиф гашт, аҳамияти илмиро низ молик мебошад.

Огаҳӣ ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дилбастагии хос дошт. Инро бо мутолиаи «Баёни мутафаккираи форсӣ» ном дафтари ӯ дигарбора ҳис карданамон мумкин. Тарҷума аз форсӣ ба туркӣ, зимнан, як шохаи пурбори эҷодиёти ин адиби барҷастаро ташкил менамуд.

Огаҳӣ дар ҷавонӣ ҳамчун мироб дар дарбори Оллоқулихон хидмат мекард. Баъдтар сармироб таъин гашт. Вале мадрасадида, ки буд, ба мутолиа ва эҷод низ машғул мегашт, аз амакаш Шермуҳаммад Мунис, ки шоири маъруф буду ба дарбор наздикӣ дошт, таълим мегирифт. Баробари асрори шеърият аз Мунис форсиро меомӯхт, бо туркиву форсӣ ғазалҳо менавишт.

Устодаш Мунис, ки «Равзат-ут-сафо»-и Мирхондро аз форсӣ ба туркӣ тарҷума мекард, соли 1829 аз олам гузашт. Огаҳиро лозим омад тарҷумаро ба зимма гирифта ва онро ба охир расонад. Ҳамин тавр, баробари ба иҷро расондани корҳои муҳими давлатӣ (сармиробӣ) вай ба эҷоди бадеӣ ва баргардониши беҳтарин асарҳои форсӣ-тоҷикӣ ба туркӣ ҷиддан шурӯъ кард. Тавре худи ӯ дар муқаддимаи «Таъвиз-ул-ошиқин» қайд менамояд, рӯйихати асарҳои тарҷумакардааш аз 20 адад мегузарад. Ҳар кадом аз ин асарҳо, ки ба қалами бузургмардони олами адаби форс-тоҷик мутааллиқанд, бо маҳорат, завқ ва ҳунари баланди ба мутарҷимҳои варзида хос ба туркӣ тарҷума карда шудаанд.

Маълум, ки баъзе аз асарҳои классиконамон дар давраҳои гуногуни таърихӣ аз ҷониби якчанд мутарҷим ба туркӣ баргардонда шудаанд. Масалан, ҳанӯз дар асри XIV «Гулистон»-и Саъдиро Сайфи Саройӣ тарҷума карда буд.

Баъд ин корро Огаҳӣ ба зимма гирифт.

Дар ибтидои асри XX Муродхӯҷа Солоҳхӯҷа низ «Гулистон»-ро ба туркӣ баргардонд. Вале дар байни тарҷумаҳо салисӣ ва ба асл наздиктарии баргардониши Огаҳиро мутахассисон қайд карда гузаштаанд.

Воқеан намунаҳои насрию назмии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ бо саъйи Огаҳӣ устодона ба туркӣ-ўзбекӣ баргардонда ва дар вақташ дар шакли китоб ба табъ расонда шудаанд. Маҳз бо хидмати бузурги вай туркизабонҳо имкон ёфтанд «Қобуснома»-и Кайковус, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ, «Ҳашт биҳишт»-и Хусрави Деҳлавӣ, «Юсуф ва Зулайхо», «Саломон ва Абсол», «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ ва ҳоказоро бо забони модариашон мутолиа созанд. «Шоҳ ва гадо»-и Бадриддин Ҳилолӣ ва «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ бо эҳтимоми Огаҳӣ ба ўзбекӣ тарҷума гашт. Ҷуз асарҳои бадеию дидактикӣ асарҳои таърихӣ, аз ҷумла, «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд ва «Зафарнома»-и Шарафиддин Алии Яздӣ аз ҷониби Огаҳӣ ба туркӣ баргардонда шуд.

Огаҳӣ ҳанӯз аз хурдсолӣ форсӣ-тоҷикиро омӯхт, дар ҷавонӣ яке аз донишмандони сарфу наҳви ин забон гашт, минбаъд бо камоли майл адабиёти классикии форс-тоҷикро фаро гирифт. Батадриҷ худаш ҳам ба форсӣ-тоҷикӣ ғазалҳо навишт.

Мегӯянд ғазалҳои туркии Огаҳӣ равону хушоянд, вале дар ғазалҳои форсияш назокати сухан ва шеърияти воло хушоҳангтар садо медиҳад.

Мувофиқи маълумотҳо дар «Таъвиз-ул-ошиқин»-и Огаҳӣ 1080 мисраъ шеър зери унвони «Ашъори форсӣ» ҷой гирифтааст. Навъе мебинем, миқдор он қадар зиёд не, вале ғазалҳо кифоятанд маҳорати баланди форсигӯии ўро ба исбот расонанд. Ғайр аз ғазал Огаҳӣ якчанд мухаммас низ навиштааст ба форсӣ-тоҷикӣ. Ба ғазалҳои Бедилу Амирӣ тазмин бастааст. «Мусамман ба тариқаи тазмин»-и ӯ низ хеле қобили таваҷҷӯҳ. Дар «Муноҷот»-и Огаҳӣ сатрҳои равон ва оммафаҳм, ки либоси бикр ба бар кардаанд, хеле зиёд:

*Илоҳо, бандаи гумкардароҳам,*
*Саропо ғарқаи баҳри гуноҳам.*

«Таъвиз-ул-ошиқин»-и Огаҳӣ дар давраи шӯравӣ чанд бор нашр шуд. Аз ҷумла, соли 1960 олими адабиётшинос Шамсиддин Шарафиддинов девонро бо крилӣ чоп кунонд. Вале он пурра набуд. Аз ин нашр 99-то ғазал, якчанд рубоӣ, мухаммас, таърих ва қасидаҳои шоир афтода монданд. Хатоҳо низ ба чашм мерасиданд. Масалан, дар асл «хилоб» бошад, дар девон «гулоб» чоп шуд, ё худ ба ҷои «пул» (кӯпрук) дар ҷое «пил» (фил) сабт гардид ва ғайра.

Чопи солҳои 1971 ва 1972 низ аз саҳвҳо холӣ набуданд. Хусусан, байтҳое, ки мазмунҳои динӣ-тасаввуфӣ доранд, аз ғазалҳо афтоданд.

Омодакунадаи нашри нави девони Огаҳӣ номзади илмҳои филологӣ Сайфиддин Рафиддинӣ (Сайфиддин Сайфуллоҳ), сайъ кард «Таъвиз-ул-ошиқин-ро дар шакли пурра пешкаши дӯстдорони назми классикӣ гардонад. Барои он ки ғазалҳои форсӣ-тоҷикии Огаҳӣ дуруст талаффуз шаванд, матнҳо бо имлои ҳозираи тоҷикӣ, ҳарфҳое, ки хоси алифбои тоҷикианд, оварда шудаанд.

Яъне аз китоб истифода бурдани тоҷикон ва тоҷикзабонҳо низ ба эътибор гирифта шудааст.

**М. ШОДИЕВ.**

*Дар соли хониши ҷорӣ Донишгоҳи давлатии маъдани кӯҳӣ ва технологияи Навоиро 689 нафар бакалавр ва 88 нафар магистр хатм намуд. Ба ин муносибат дар донишгоҳ чорабиние зери номи «Роҳи сафед ба шумо, хатмкунандагони азиз!» баргузор шуд.*

*Албатта, соҳиби номи мутахассис ва диплом гардидан дар рӯзгори инсон ҳодисаи одӣ нест. Барои ин бояд чанд сол дар ҷустуҷӯ буд ва ба дунболи дониш гашт. Ба ин маънӣ, шабҳае нест, ки мутахассисони донишгоҳ дар татбиқи лоиҳаҳои бузурге, ки дар корхонаҳои саноатии мамлакат ба амал татбиқ мегарданд, фаъол иштирок менамоянд.*

***Дар акс:** лавҳае аз чорабинӣ.*

***Аксбардор: Сироҷ АСЛОНОВ (ЎзА).***



# БЕПАРАСТОРОН ДАР ҲИМОЯИ ДАВЛАТ

Зиндагӣ роҳи равон надорад. Қонунҳои нонавиштае дорад он. Гоҳо чун Офтоб медурахшаду гоҳе чун шаби торик ба дилҳо соя афканад. Гоҳо орзую умеди некро ба яғмо мебарад. Гоҳи дигар дилҳоро ғаму андӯҳ фаро мегирад. Кӯдакону наврасон ҳам аз ин ҷараёни дилхарош дар канор нестанд. Ва дар ҳаёт ятимон дучор меоянд.

Марг қонуни ҳаёт аст. Синну сол намепурсад. Аламовар аст, дар ҷомеа ба зиндаятимон низ дучор мешавем. Фарзанд аз меҳр ва дидори модар ва ё падари худ маҳрум. Меҳре, ки дар дунё чун падару модар касе ба фарзанд дода наметавонад. Ин тоифа ятимон зимни вайроншавии оила пайдо мешаванд. Дар ҳоле, ки оилае ба нохун зор аст, тоифае нодиртарин неъмати инсоният, идомаи авлод – фарзандро ятим мегузоранд.

Дар ҳисоботи оморӣ ду гурӯҳи ятимонро ба қайд мегиранд, ки: аз падар ва ё модар маҳрум шудааст ва дигарӣ ҳам аз падару ҳам аз модар маҳрум гардидааст. Инсон, инсон аст. То даме, ки дар ин дунё ҳаёт дорад, ҳамеша бо орзую ҳавас зиндагӣ мекунад. Ятимон ҳам аз ин ҷараён дар канор нестанд. Ҳар якеи онҳо садҳо орзую ҳавас дорад дар дил. Онҳо ҳам мехоҳанд зиндагии фаровон дошта бошанд ва дар ҷомеа аз худ нақши мондагор гузоранд.

Кишвари мо давлати адолатпешаву инсонпарвар аст. Ин тоифа кӯдакону ҷавонон дар маҳалла, муассисаҳои таълими томактабиву мактабҳои таҳсилоти умумӣ ҳамеша ба қайд гирифта мешаванд Ва аз ҷониби давлат ва муассисаҳои гуногун мунтазам рағбатнок ва ҳимоя карда мешаванд.

Чанд рӯз муқаддам дар деҳаи сайёҳии овозадори Синтаб будам. Ҷойҳои таърихии ин мавзеъро зиёрат мекардем. Автобусе омад пур аз кӯдакон. Аз автобус як гурӯҳ наврасон фуруд омаданд. Онҳоро Обида Саидқулова роҳбаладӣ мекард. Раиси маҳаллаи «Синтаб» Мурод Мирзоев пазироӣ намуд. Обидаро хуб мешинохтам. Ў дар шӯъбаи таълими халқи ноҳияи Нурато адои вазифа менамуд. Ҷамоаҳои ҳар як мактаби ноҳияро хуб мешинохт. Вазъияти ҳар як мактабро хуб медонист. Пас аз ҳолпурсӣ тағйири вазифа кардани худро иброз дошт Обида. Алъон чун сармутахассиси шӯъбаи кор бо масоили кӯдакони назди ҳокимияти ноҳия фаъолият доштааст.

– Ҳоло дар ноҳия беш аз 370 нафар ним ятимон ва 10 нафар соф ятимон буду бош доранд. Аксарияти онҳо маснуб ба оилаҳои камдаромад, ба ҳимояи иҷтимоӣ мӯҳтоҷ мебошанд. Мунтазам аз ҷониби давлат ва муассисаву ташкилотҳо кумаки иҷтимоӣ расонида мешавад. Ба кӯдакони зиндаятим баробари кумаки иҷтимоӣ, ҳуқуқи қонунии онҳо ҳимоя карда мешавад, – гуфт Саидқулова.

– Соли равон бо ташаббуси раиси комиссия, ҳокими ноҳия Азамат Файзиев 30 нафар наврасон аз ёдгориҳои таърихии Самарқанд дидан карданд. Бо як таассуроти баланд ба зодгоҳ баргаштанд. Ҳолати рӯҳии онҳоро бояд бо замон ҳамрадиф ташаккул дод. Набояд худро аз дигарон кам гиранд ва ё аз дигарон кам эҳсос намоянд. Бинобар ин ба онҳо аз ҷониби давлат мунтазам парасторӣ карда мешаванд. Ҳар як нафари онҳо созандаву бунёдкор ба камол расанд.

– Инак мебинед, ки мо бо як гурӯҳи 35-нафара ба Синтоб омадем. Мо аз Мурод Мирзоев миннатдорем, моро хуб пазироӣ намуд. Мардуми саховатманд доштааст Синтоб. Омадани аъзоёни гурӯҳи моро шунида, яке бо нони гарму ҷурғот, дигаре бо себу зардолу ва бо меваҳои гуногун меҳмондорӣ намуданд, – мегӯяд Обида.

Албатта, пас аз чунин сафарҳо рӯҳи наврасон болидаву ба ояндаи дурахшон эътимод ҳосил мекунанд. Аз давлат ва халқи худ ифтихор мекунанд, пайи саҳмгирӣ дар рушди он саъю кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

30 июл – Рӯзи дӯстии халқҳо

# ДӮСТИРО ҶУСТУҶӮ ДОРЕМ МО

Ўзбекистон сарзамини офтобӣ, мардумонаш гуногунмиллат буда, дар он ҳама дӯсту бародарона зиндагӣ доранд. Барои ҳаёти орому осоиштаи мардуми диёр тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Марказҳои миллию фарҳангии халқу миллатҳои гуногун дар мамлакатамон босамар фаъолият доранд, ки ҳар яке барои нигаҳдошти урфу одат, анъана ва қадриятҳои миллӣ, адабиёту санъати халқҳои худ саъю кӯшиш ва ҳаракат мекунанд.

Аз ҷумла, фаъолияти марказҳои миллию фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ низ сазовори таҳсин мебошад. Онҳо дар фаъолияти кории худ ба комёбиҳои нав ба нав ноил мегарданд. Фаъолияти марказҳои миллию фарҳангии вилоят ва ноҳияҳо низ назаррас аст.

Аз ҷумла, хидмати корманди Маркази миллию фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ Насиба Зайниддинова сазовори таҳсин мебошад. Чун ба даст китобҳои шоирони тоҷик Мирзо Турсунзода «Чароғи абадӣ», Лоиқ Шералӣ «Ман намемирам», Паймон «Шабогард», романи «Фирдавсӣ»-и нависанда Сотим Улуғзода (Тошканд, нашриёти «Тамаддун») ва дигаронро гиред, дилатон аз хушнудӣ ва хурсандӣ лабрез мегардад. Беихтиёр ба касоне, ки қатъи назар аз кию чӣ буданашон дар ин сарзамин барои рушду такомули адабиёт, матбуоти тоҷик барои хонанда асаре ё осореро пешкаш менамоянд, офаринҳо мегӯед.

Инро дар мисоли чопи маҷмӯаи мақолаҳои «Пайроҳаи илм», ки оид ба роҳи ҳаёт ва эҷодиёти олими забардаст Абдулғанӣ Мирзоев навишта шудааст низ метавон гуфт. Гузаронидани тадбир бахшида ба ёдбуди як нафар фарзанди обрӯманди тоҷик А.Мирзоев дар зодгоҳи олим – ноҳияи Китоб бо ташаббус ва саъю ҳаракати Маркази миллию фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ гузаронида шуд.

Муттаҳидӣ моро ба мақсадҳо мерасонад. Мо дорои адабиёту фарҳанги ғаниву қадимӣ ҳастем. Ин мероси аҷдодиро ба наслҳои оянда бегазанд расонидан қарзи инсонӣ ва фарзандии мост. Ояндаро аз имрӯз бояд созем, бунёди оянда аз иттиҳод, дӯстию рафоқат, оромию осоиштагӣ имконпазир мегардад.

Ба хидматҳои Насиба мо аз забони шоир чунин баҳо медиҳем, ки муҳоботе нест:

*То сухан чун қомати*
*мавзун шавад,*
*Дар сари ҳар мисрае дил*
*хун шавад.*
*Дӯстам ранҷидан*
*аз инсоф нест,*
*Ҳарчи дар ҳаққи ту гӯям*
*лоф нест.*

Имрӯзҳо нақшаи зиёде дар дил дорад Насиба Зайниддинова. Гузаронидани ҳар як тадбир бори дигар садо аз таърихи рӯзи гузашта, ҳаёти шахсони таърихӣ мебошад. Дар ташкили корҳои хубу манзури оянда тавфиқ ёрашон бод.

**Шавкатулло ОСТОНАЕВ,**
**Абдуманнон САФАРОВ,**
**аъзои Маркази миллию фарҳангии тоҷикони ноҳияи Узун.**




# «БОБОЯМ БО МАН МЕФАХРАНД»

Муаллим! Вақте мо ин суханро мешунавем, бевосита дар пеши назарамон шахсе муҷассам мегардад, ки моро таълим ва тарбия додааст. Муаллим мисли шамъ аст, ки барои мо – донишҷӯён оламро равшан мекунад. Ҳеҷ вақт муаллими аввалинро фаромӯш набояд кард. Биёед ёдовар мешавем, ки муаллими аввалини мо кӣ буд, дар дили мо бо кадом хислат ҷойгир шуд?

Муаллими аввалини ман шахсе буд ҳам бо фазлу дониш ва ҳам меҳрубон, дар инсон чӣ гуна хислатҳои нек бошад, дар ин шахс муҷассам. Муаллими аввалини ман бобоҷонам буданд, ки дар дабистон нею дар хонаи худ. Ман аз бобоҷонам бисёр афсонаю ривоят, суруду тарона мешунидам, ки то ҳол дар таги гӯшам ҷарангос мезанад. Дар афсонаҳое, ки бобоҷонам нақл мекарданд, ягон қаҳрамон ё персонажи бегона иштирок надошт барои мо. Қаҳрамонҳои афсона мо – наберагон, хешу табор ва фарзандони ҳамсоя будем. Дар ин афсонаҳо мо ба бисёр роҳҳои дуру дароз сафар мекардем, аз сар бисёр рӯзҳои ғаму шодиро мегузарондем, лек аз ҳамдигар ҷудо намешудем. Дар ин афсонаҳо, ки мо мешунидем, фақат ва фақат хушу хурсандӣ буд, ҳама бо ҳамдигар меҳрубон. Ин афсонаҳо бисёр ҷиҳатҳои панду ахлоқӣ дошт. Аз ҷумла дар ҳаёт ба ҳама ҳодисаю воқеаҳо бо назари нек нигоҳ кардан, машаққатҳои ҳаётро якҷоя ҳаллу фасл намуданро омӯзониданд. Бобоҷонам ба ман бисёр панду насиҳат мегуфтанд, дар он вақт, ки хурд будам, мазмуну моҳияти ин суханони пандомезро дарк намекардам, аз мобайн чандин сол гузашт, ки акнун суханони пандомези бобоҷонамро фаҳмидам. Ҳамон панду насиҳатҳои ба ман омӯзонидаашон дар айни ҳол роҳи маро мисли хуршед равшан карда истодааст, ки дар ҳар ҷо ба ман ёрӣ мерасонад.

Бобоҷонам ду орзу доштанд, ки яке маро ба дабистон худашон баранду аз дарсҳои ман хабардор шаванд. Лек умрашон вафо накард. Соли 2010 бобоҷонам ин дунёи фониро падруд гуфта, ба дунёи абадӣ сафар карданд. Пас аз 8 моҳ ба синфи як рафтам. Дар давраи мактабхониям мехостам, ки бобоям дар давраи мо бошанд, чизҳои нафаҳмидаамро ба ман ёд диҳанд, лек ин армони ман буд.

Орзуи дуюми бобоям ин буд, ки ман ба факултети филологияи донишгоҳ дохил шавам. Сабаби он ки худашон ҳам факултети филологияро дар Тоҷикистон хатм карда, дар ҳамон ҷо директори мактаб шуда будаанд. Бобоҷонам касби худашонро бисёр дӯст медоштанд, бо касби худ фахр мекарданд.

Ман ин орзуи бобоҷонамро ба худ мақсад кардам ва ба мақсади худ расидам. Соли 2022 ба факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар асоси грант дохил шудам. Умедворам, ки бобоҷонам дар он дунё бо ман мефахранд.

**Мунаввар ТОҶИЕВА,**
**донишҷӯйи гурӯҳи тоҷикии факултети филологияи ДДС.**

# БОЗ ЯК ГУРӮҲИ ТОҶИКӢ

Чи хеле ки маълум аст, 20 июли соли ҷорӣ барои довталабони таҳсил дар ДДБ низ барои соли хониши нав рӯзи охирини қабули ҳуҷҷатҳо буд. Мо аз роҳбари маркази қоли Донишгоҳи давлатии Бухоро Сулаймон Хӯҷаев пурсидем, ки оё соли таҳсили нав дар ДДБ қабули гурӯҳи нави тоҷикӣ ба нақша гирифта шудааст?

Вай ҷавоб дод, ки «оре, дар факултети филология қабули як гурӯҳи нави забон ва адабиёти тоҷик (20 нафар донишҷӯ, 5 нафар бо гранти давлатӣ ва 15 нафар бо шартнома) ба нақша даромадааст».

– Чанд нафар ҳуҷҷат супорида бошанд?

– Дар ин бора маълумот надорем, инро вазорат медонад, – гуфт вай.

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ИСТЕЪДОД ЛУТФИ ХУДОВАНДИСТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ана баъд агар дар муаллим ташаббус ва фаъолӣ ривоҷ наёфта бошад, ҳар як фан, ҳар як дониш ду пул. Дар Мурожиатномаи сарвари давлат ба Олий Маҷлис ва халқ таъкид шудааст, ки дар навбати аввал эътиборро ба бузургтарин сармояи Ӯзбекистони Нав – дастгирӣ намудани таълим бояд нигаронем.

**– Имсол чанд нафар хонанда хатм карданд?**

– Боиси хушнудист, ки 104 нафар номаи камол гирифтанд, ки 15 нафар соҳиби медали тилло ва ду нафар нуқра шуданд. Аллакай қариб 20 нафар тавассути ташкилотҳои байналхалқӣ ва грант ба мактабҳои олии кишварҳои бонуфузи дунё дохил шуданд. Албатта, дар ин кори хайру нек хизматҳои омӯзгорони пешқадам Раъно Маматхонова, Манучеҳр Шокиров, Сабина Рустамова, Ориф Шодиев, Меҳригиё Низомова, Шоҳрух Шамсиддинов, Ҷамила Фатҳуллоева, Фирӯза Нуриддинова, Ҳафиза Розиқова, Гулчеҳра Пардаева ва дигарон калон аст. Охир ман метавонам 135 нафар муаллимонро як-як номбар кунам...

Мо, муаллимон аз сарвари давлатамон ниҳоят сипосгузорем, ки маошамон 2-3 маротиба афзуд, ба коғазбозӣ, барои расмият ҳисобот ва дигар гуна корҳо, алалхусус маҷлисбозӣ, кӯчарӯбӣ, пахтачинӣ, кӯмак ба сабзавоткорон хотима ёфт. Аз ҳама муҳимаш, синфхонаҳо бо асбобҳои аёнӣ, техникаи замонавӣ пурра таъмин гардиданд.

Боз як навид он аст, ки аз ҳисоби давлат бинои сеқабата қад афрохта истодааст, ки арзиши лоиҳаи иншоот 10 миллиард сӯм аст. Ҳозир қариб 50 нафар бо кори сохтмон банд ҳастанд. Бинои нав дар арафаи Рӯзи муаллимон ва мураббиён ба истифода супурда мешавад.

**– Чаро дар мактаб синфҳои тоҷикӣ нест?**

– Саволи барҳақ. Аммо ин аз падару модарон вобаста аст. Агар онҳо ин таклифро диҳанд, нуран ало нур аст. Зеро чуноне ки шумо гуфтед, талаба тоҷик, муаллим тоҷик, вале дарсҳо ба забонҳои дигар. Баъзеҳоро забон дигару дил дигар...

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Андешаҳо*

# НАҶОТ ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ АСТ

Вақти таҳсил қариб ҳар рӯз аз назди мактаб гузашта, чашмамон ба хонандагон меафтад, ки аз мактаб бармегарданд. Вале соат ҳанӯз 12 нашудааст. Пурсед, ки чаро барвақт аз мактаб ҷавоб шудаанд, бачаҳо мегӯянд, ки муаллим касал шудаанд, тӯй доштаанд ё ба хондан рафтаанд... барои ҳамин ҷавоб додаанд. Падару модарон ҳам ба ин эътиборе намедиҳанд ва ё намедонанд, ки муаллим дарсро нагузарад, хонандагон аз омӯзиши ҳамон мавзӯи дарс бебаҳра мемонанд ва ё умуман омӯзонида намешаванд. Чаро ба ҳалли ин муаммо роҳбарони мактаб намекӯшанд, ба ҷойи як муаллими бемор омӯзгори дигарро ба дарс намедароранд? Вале дар журналҳои синф қайд мекунанд, ки дарсҳо гузаронида шудаанд. Ва муаллимон моҳонаи худро пурра мегиранд. Ҳар рӯз агар дар ҳар мактаб бо сабабҳои гуногун чунин ҳодисаҳо ба амал ояд, дар миқёси ноҳия ва вилоят чандсад соатро ташкил мекунад!? Ҳол он ки як талаба ё толиба ба дарс дер монад ва ё наояд, худи муаллимон онҳоро сарзаниш мекунанд. Дар сурати нагузаштани дарс, вале дар журнал қайд кардани мавзӯъ чӣ маънӣ дорад? Ҳангоми барвақт омадани фарзандон падару модарон ҳам намепурсанд, ки чаро барвақт омад: Сабабашро аз маъмурияти мактаб ва муаллимоне, ки ба таълиму тарбия хунукназарона муносибат мекунанд, намепурсанд, ба дарсҳояш иштирок карда, тарзу усули дарсдиҳиашро намесанҷанд.

Дар Мурожиатномаи Президент ба Олий Маҷлис ва халқи Ӯзбекистон оварда шудааст: «... дар навбати аввал эътиборро ба бузургтарин сармояи Ӯзбекистони Нав – дастгирӣ намудани таълим менигаронем.

«Наҷот – дар таълим, наҷот – дар тарбия, наҷот – дар дониш». Чунки ба ҳама гуна мақсадҳои нек ба туфайли дониш ва тарбия муваффақ мегарданд».

Мо – калонсолон хонандаҳоро бача, ҳоло ҳеҷ чизро намедонад ва ё намефаҳмад, гуфта фикр мекунем, ки ин нодуруст аст.

Боре бо хонандае суҳбат доштам. Аз фанне саволе дода, дараҷаи донишашро санҷиданӣ шудам. Вай маъюсона гуфт:

– Ин айби ман не. Ин фанро ман дӯст медорам. Вале дарси дурусте намегузаранд. Дар ним сол як соат гузаштанд.

Пурсуҷӯ намоям, аз он фан худи директори мактаб дарс медодааст. Ба директори мактаб осон. Баҳонаашон ҳамеша тайёр: «Комиссия омад... ба маҷлис ҷеғ заданд... дар видеоселектор иштирок доштам...»

Ба андешаи ман вазифаи асосии директори мактаб низ таълиму тарбияи хуби бачаҳост. Давомоти хонандагонро таъмин созад, дарсҳо пурра гузашта шаванд, муаллимон бо тайёрии пухта ба дарсҳо дароянд, корҳои маънавию маърифатиро пурзӯр намоянд. Худ дар ин бобат намуна шаванд. Вале дар аксар мактабҳо мебинед, ки онҳо бештар бо корҳои хоҷагии мактаб машғуланд.

Ҳозир дар ҳар синфхонаи мактаб видеокамера насб карда шудааст. Ин аз як тараф хуб. Роҳбари мактаб ба воситаи он рафти дарс, тарзи дарсгузарии муаллимонро назорат мекунад ва баъзан омӯзгоронро ҳушдор месозад. Роҳбари мактаб бояд ба дигар омӯзгорон намуна шавад. Хоҳнохоҳ дар дили баъзеи онҳо саволе ба миён меояд: агар худи директор чунин рафтор кунад, ба ман-чӣ? Дарсамро гузаштам, шуд, бало ба пасаш.

Боре ба як мактаб даромадам. Пештар ҷонишини директори мактаб оид ба корҳои маънавӣ-маърифатиро ҳамеша дар берун медидам. Аз болои тартибу интизоми хонандагон назорат мебурд. Ин дафъа дар кабинети кориаш сархам менишаст. Сабаб пурсам, ба сӯйи монитори компутер ишора кард. Дар он иҷрои як олам корҳое нишон дода шуда буд, ки ба мантиқ рост намеояд. «Илм чароғи ақл», «Ҳунар чашмаи зоянда», «Тилло магир, илм гир» ва ғайра мавзӯъҳо пешниҳод кардаанд ва бояд хонандагон иншо нависанд. Дар мавзӯъҳои «Духтари аз ҳама фаъоли ихтироҷӣ», «Ғояи аз ҳама беҳтарини инноватсионӣ», «Бале, духтарон» озмун гузаронанд. Бо ғолибони олимпиадаҳои байналхалқии хонандагон ва ягон дорандаи Мукофоти Зулфия вохӯрӣ ташкил намоянд... Рӯзи ҷумъа ин супориш дода, иҷрои он рӯзи душанбе талаб карда мешуд. Яъне дар давоми се рӯз чӣ кор кардан мумкин? Талаб мекунанд, бояд иҷро шавад. Сари ҷонишин гаранг... Баъди чанд рӯз дидам. Пурсидам ҷавоб дод, ки аз ҳаво маълумотнома навишта фиристондам. Роҳбари мактаб ҳам гуфт, ки маълумотнома фиристам халос, ба дигараш корам набошад. Ҳоло ман ҳам ба ҳамин кор машғул. Онҳо супориш медиҳанд, ман маълумот медиҳам. Ҳамааш сохта, ба воситаи интернет. Онҳо ҳам хурсанду ман ҳам...

Дар мактаб ҳоло муаллимон асосан ба ҳисоботдиҳӣ машғуланд. Охир корҳое, ки мо имрӯз мекунем, ҳамчун бумеранг фардо ба сари худамон омада мезанад. Мо аз ин тарафи масъала бехабарем. Ин гуноҳи мо аст, вале хонандагон моро мебахшанд?!

Латифае ба хотирам меояд.

Аробакашеро ҳама таъриф мекардаанд. Боре вай аробаашро чаппа кардааст. Аробакаш ба ҷойи чорае дидан афсӯсхӯрон худ ба худ гуфтааст:

– Э, афсӯс, писарчаамро ҳамроҳ нагирифтаам-дия. Агар вай ҳамроҳи ман мебуд, ҳама балоро ба сари вай бор мекардам...

Ҳозир дар мактабҳо ҳам ҳамин хел. Ҳамеша бачаҳо гунаҳкоранд.

Боре дар як чорабинии мактабӣ иштирок кардан ба ман муяссар гардид. Тадбир аз вақти муайяншуда дертар оғоз ёфт. Дар ин байн чанд маротиба микрофон кор накард. Духтараке ҳангоми хондани ғазали Ҳофиз ба хатое роҳ дод. Муаллима амр кард, ки ғазалро дубора хонад. Охир вай инро ба навор гирифта истодааст! Тарсу воҳимаи духтарак зиёд шуд, ё ҳаяҷон пахш кард, ки боз ғалат хонд. Боз аз шунидани сарзаниши муаллима лола барин сурх шуд ва ҳунгосзанон гириста, баромада рафт...

Оре, ҳозир барои баъзе омӯзгорон чорабинӣ муҳим не, акс ё навори он муҳимтар аст, ки дар канали даркориашон монанд ва роҳбарон бинанд. Хулоса, дилакашон ба «лайк» гум мезанад. Охир «лайк» ҷойи донишро намегирад. Диплом дошта бошаду малакаи зарурӣ не, аз ин хел дипломдорӣ ба дигарон чӣ фоида?!

Инро ҳам бояд ба назар гирем, ки худи бачаҳо ҳам дар мактаб аз рӯйи ақлу одоб корбарӣ намекунанд. Зеро ба онҳо на танҳо мактаб, боз кӯча, телефон ва телевизор ҳам «дарс» медиҳад. Аз рӯйи ақидаи рӯҳшиносон, агар мо бо бачаҳо бештар машғул шавем, меҳри онҳоро ба хондану омӯхтан баланд гардонем, насли нави доно ва хушодобу меҳнатдӯст ба воя мерасад.

Бачаҳо зираканд, медонанд, ки кадом муаллим чӣ хел дарс мегузарад. Сад афсӯс, ба ин тарафи масъала омӯзгорон эътибор намедиҳанд.

Ҳар гуна зӯроварии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ нишонаи ба касби худ номувофиқ будани муаллимро нишон медиҳад. Албатта, муаллим ҳам мисли ҳама инсон ва соҳиби ҳиссиёт аст. Вале аз доираи муайяни педагогӣ берун барояд, вай дигар омӯзгор нест. Гуфтору рафтор, корбарӣ, дарси дурусте надодани муаллими ин ё он фан солҳои дароз дар лавҳи хотири хонанда нақш мебандад, ихлосаш ба ҳамон муаллим суст мегардад.

**Бахтиёри ҶУМЪА,**
*вилояти САМАРҚАНД.*



*Тибқи маълумотҳо ба муассисаҳои таълими олӣ барои соли таҳсили 2023-2024 1 миллиону 18 007 нафар довталабон мурожиат кардаанд: ба забони ӯзбекӣ – 890 304; забони русӣ – 95 456; забони қароқалпоқӣ – 29 917; забонҳои дигар – 2 330 нафар ҳуҷҷат супоридааст.*

*Тақсимот аз рӯйи самти таълим чунин аст: самти рӯзона – 577 096; шабона – 24 802; ғоибона – 407 945; фосилавӣ – 8 164 нафар.*

*Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон – 36 782; Донишгоҳи давлатии нақлиёти Тошканд – 30 421; Донишгоҳи давлатии Фарғона – 29 941; Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд – 28 827; Донишгоҳи давлатии Қаршӣ – 28 417 нафарӣ довталаб қабул кардаанд.*

*Минтақаҳое, ки довталабонашон аксариятро ташкил медиҳанд: вилоятҳои Қашқадарё – 120 008; Самарқанд – 114 180; Фарғона – 94 999; Тошканд – 89 603; Сурхондарё – 84 457 нафар мебошанд.*

# МУАЛЛИМИ МУАЛЛИМОН

Бинои аввалаи мактаб кӯҳна буду ҳоли абгоре дошт. То давраи истиқлолият як идда омӯзгорон изтироб мекашиданд, ки вақту фурсати бунёд сохтани бинои нави мактаб кайҳо фаро расидааст. Аммо роҳбарону масъулон бо ким-кадом сабабҳо тарҳрезӣ ва амалӣ сохтани корро ба таъхир меандозанд. Миёни ин омӯзгорон Элмурод Шомуродов низ буд, ки барои сарнавишти шогирдони мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 46-уми деҳаи Ӯхм ғам мехӯрд. Рӯзномаи «Овози тоҷик» мақолаи муаллимро таҳти унвони «То ҷон ба дард наояд» ба нашр расонида буд.

Элмурод Шомуродов аз зумраи он омӯзгорони бознишаста аст, ки ҳоло ҳам дар ғами таълиму тарбияи фарзандон мебошад. Пайваста ба омӯзгорони ҷавон маслиҳатҳо медиҳад. Онҳоро барои бо ҷидду ҷаҳд кор кардан ҳидоят менамояд. Ин аст, ки чанд нафар омӯзгорони ҷавон аз пайи устод фанҳои филологӣ: забони тоҷикӣ ва адабиётро аз бар намуданд. Шогирдонашонро ба озмунҳо мебаранд. Аз комёбии донишомӯзон меболанд.

Элмурод Шомуродов аз насли омӯзгороне ба шумор меравад, ки дар ҳамон биноҳои кӯҳнаи мактаб кор карда бошанд ҳам, шогирдони хуб ба камол расониданд. Шодравон Ширинбой Шакаров, Мавлон Ҷияновҳо доимо сахтгиру серталаб буданд, аммо дили нарму самимӣ доштанд.

Давронбой Рӯзмонов, Сарабой Йӯлдошев, Мавлон Олтиевҳо имрӯз даври пирӣ меронанд. Замоне Элмурод Шомуродов бо онҳо паҳлӯ ба паҳлӯ истода кору меҳнат мекард.

Азбаски оилаи Шомуродовҳо одамони бомаърифат ба шумор меравад, бинобар ин ҳанӯз дар ҷавонӣ ба Элмурод бетаъсир намондааст. Бародараш Гулмурод Шомуродов ҳамеша бо афроди маърифатпарвар, зиёиён дӯстиву рафоқат дошт. Писари калонӣ, шодравон Пайванди Гулмуродзода маҳз ба туфайли ҳамин маърифатдӯстӣ роҳи Душанберо пеш гирифт. Дар он ҷо хонд, илму дониш андӯхт. Муҳаққиқи ба чашм намоён дар ҷодаи журналистика ба камол расид. Элмурод қадре пештар аз ӯ дар шаҳри Самарқанд таҳсил гирифт. Фаррух, Холбойҳо ҳам аз пайи бародарон рафтанд.

Шомуродов ҳоло дар нафақа аст. Худ, ки панҷ панҷааш ҳунар асту хонасозӣ, боғдориро хуб медонад, ин ҳунарҳоро ба писаронаш Аралу Набӣ ҳам омӯзондааст.

Ба наздикӣ мо гурӯҳи ҳамсинфон ба муносибати 30-солагии хатми мактаб аз даргоҳи муқаддас дидан кардем. Ба китобхонаи мактаб якчанд китоб ва аз маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» тӯҳфа намудем. Дарсҳои устодонро як-як ба ёд овардем, аз ҷумла, аз Элмурод Шомуродов ҳам.

Муаллими муаллимон ба қарибӣ рӯзи мавлуди худро дар ҳалқаи наздикон, пайвандон, шогирдони хеш ҷашн гирифт. Мо – шогирдон низ устоди худро самимона табрику таҳният мегӯем ва барояшон тансиҳатӣ, хонаободӣ таманно мекунем.

**Муродбек ЙӮЛДОШЕВ,**
**деҳаи Ӯхми ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах.**

# ОҲАНГАР ВА ОМӮЗГОР

Вай Фозил ном дорад. Дар деҳаи Бибиширин ӯро Усто Фозил мегӯянд. Устои оҳангар аст. Дар лаби роҳи калон дукони оҳангарӣ дорад. Он аз саҳар то шом кушода, усто ҳамроҳи бародарон ва шогирдонаш кор мекунад. Рӯзи дароз аз ин ҷо садои путки оҳангарӣ шунида мешавад. Оҳангарон оҳанро дар кӯраи оташ тоб дода, пас онро дар болои оҳани дигар мекӯбанд. Оҳанро ба шакли гуногун медароранд ва аз он корд, дос, тешаву табар, бел, каланд, доскалла ва дигар асбобҳои зарурии рӯзгор месозанд. Усто Фозил дар ин корҳо маҳорати хуб дорад. Маҳсули дастони ӯ дар ноҳияҳои дигар ҳам харид мешаванд. Мардуми деҳа аз сифати асбобҳои сохтаи Усто Фозил мамнунанд.

Вақте аз пеши оҳангархонаи ӯ мегузаштем, падарам ба ман гуфтанд:

– Оҳангарони машҳур ҳам мисли омӯзгорони мактаб мебошанд.

– Чӣ хел? – мепурсам ман ҳайрон шуда.

– Онҳо аз як пора оҳани сард асбобҳои гуногун месозанд.

– Муаллим-чӣ? – боз савол додам ман.

– Муаллим ҳам заҳмат кашида, аз як бачаи бедониш шогирди хуб тарбия мекунад. Агар оҳангарон барои сохтани як корди тез тамоми рӯз заҳмат кашанд, муаллимон барои тарбия ва таълим додани як шогирди хуб даҳ-ёздаҳ сол вақт сарф мекунанд.

Ман хулоса кардам, ки омӯзгорон бароиояндаи дурахшони мо заҳмат мекашидаанд ва мо бояд ба қадри онҳо расем.

**Анис ХАЛИЛОВ,**
**хонандаи синфи 6-уми мактаби рақами 33-юми ноҳияи Бойсун.**

# ОДОБРО АЗ КӢ ОМӮХТЕД..?

Мӯйсафеди нуронӣ бо як ҳолати хастагӣ, ки дар як даст борхалта ва дар дасти дигараш асо дошт, ба автобусе савор шуд.

Дар даромади он ҷавони ришдоре, ки ба худ нозебо буд, ба буро-фурои одамон халал мерасонд, ҷавони ришдор ба ҷои он ки аз дасти мӯйсафед дораду ёрӣ расонад, бо китфи худ тела дода:

– Бобо, оҳиста бароед намешавад, – гуфт, ба ҷои он, ки салом диҳад.

Дар автобус ҷои холӣ набуд.

Ҷавоне дар даст телефони дастиашро бозӣ карда менишаст, дар курсии дигар бошад, духтаре, ки дар ду гӯшаш сими гӯшкунаки телефонро гузоштаасту худро ба хоб задааст, эътиборе надоданд.

Дар курсии дигаре ду ҷавон бо ҳамдигар дар сӯҳбати гарм ба муйсафед бо гӯшаи чашм нигоҳ мекарданд.

Мӯйсафед бошад, аз ҳаракати автобус ба ҳар сӯ алвонҷ мехӯрд.

Зани 35-40 сола, ки дар яке аз курсиҳои автобус нишаста буд, аз ҷояш хеста ба мӯйсафед ҷой дод.

– Раҳмат, духтарам, барака ёб, ҳузури фарзандонатро бин, – гуфт мӯйсафед.

Ҳамааш як тарафу аз одамони дар автобус буда ду-се нафарашон салом доданд. «Салом қарзи худо» – мегӯянд дар урфият.

Ман дар зиндагии имрӯза бачагоне, ки нисбатан ба калонсолон эътибор медиҳанд, кам мебинам. Сабаби онҳоро аз падару модарон медонем, чунки дар хонавода ба тарбияи онҳо нисбатан кам эътибор медиҳанд.

Аз Луқмони Ҳаким пурсиданд: «Одобро аз кӣ омӯхтӣ?» Гуфт: «аз беадаб».

**Т. ЮНУСЗОДА.**

Маркази миллию фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон ба муовини раис Насиба Зайниддинова нисбати вафоти нобаҳангоми додараш

**Акрам ЗАЙНИДДИНОВ**

ҳамдардии амиқ изҳор намуда, ба аҳли оила ва пайвандонаш сабри ҷамил мехоҳад.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 4527 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.00

**Нишонии мо:**
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.